

*Халқи тоҷик теғи дармонбахши Синоро гирифт,*
*Теғи дармонбахши Сино рӯи дунёро гирифт.*

# ШИФО

№10 (10) 27.07.2018 | Нашрия аз феврали соли 2018 чоп мешавад | www.moh.tj | nashriyai.shifo@mail.ru

Нашрияи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон



# ҶАМЪБАСТИ ФАЪОЛИЯТИ ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР НИМСОЛАИ АВВАЛИ СОЛИ 2018

**13.07.2018**

Имрӯз дар маҷлисгоҳи Муассисаи давлатии “Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон” вобаста ба ҷамъбасти фаъолияти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи аввали соли 2018 ҷаласа доир гардид.

Рафти баргузории ҷаласаи мазкурро Насим Олимзода, вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбари намуда, дар кори он муовинони вазир, сардорони раёсатҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбарият ва намояндагони муассисаҳои зертобеи вазорат, сардорон ва сармутахассисони Раёсатҳои тандурустии вилоятҳои Суғду Хатлон, ВМКБ ва шаҳри Душанбе иштирок намуданд.

Ҷаласаро вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Насим Олимзода, бо сухани ифтитоҳӣ ҳусни оғоз бахшида, аз ҷумла қайд намуд, ки Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамеша аз таваҷҷуҳу дастгирии давлату ҳукумат, хосса дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон баҳраманд гардида, барои беҳдошти тандурустии аҳолӣ ва рушди иҷтимоии он пайваста тадбиру чораҳои судманд меандешад.

Дар рафти чорабинӣ Насим Олимзода, ҳамзамон вобаста ба даргузашти Раҳматулло Раҳмонов, ноиби президенти Академияи илмҳои тиб ва мудири кафедраи асабшиносӣ ва асосҳои ирсияти тиббии Донишгоҳи Давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино, ки санаи 11 июли соли равон ба вуқӯъ пайваст, ба кулли кормандони соҳаи тандурустии кишвар изҳори ҳамдардӣ намуд. Дар идома роҷеъ ба хизматҳои шоёни марҳум Раҳматулло Раҳмонов видео ролик ба намоиш гузошта шуда, аз кору пайкор ва нақши

**Давомаш дар саҳ.2**

## Сухани Пешвои миллат

Дар давоми 26 сол дар кишвар барои таъмин намудани аҳолӣ ва соҳаҳои иҷтимоӣ бо оби тозаву босифати нӯшокӣ, ки омили асосии ҳифзи саломатӣ мебошад, ба маблағи қариб 1 миллиард сомонӣ лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ва кумаки беруна амалӣ гардида, дар ин самт татбиқи лоиҳаҳо боз ба маблағи 1,2 миллиард сомонӣ идома дорад.

## “Корвони саломатӣ” дар кумаки аҳолии кишвар

Бо мақсади пешгирии беморшавии аҳолӣ ва баланд бардоштани фарҳанги тиббии ҷомеъа, ҷиҳати татбиқи ҳадафҳои бунёдии “Дурнамои пешгирӣ ва назорати бемориҳои ғайрисироятӣ ва осеббардорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2023” ва дар доираи “Барномаи миллӣ оид ба муқовимат бо эпидемияи вируси норасоии масунияти одам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2020” “Корвони саломатӣ”-и навбатии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ноҳияи Ёвон сафарбар гардид.

Дар чорабинӣ 19 нафар мутахассисони ботаҷрибаи соҳаи тиб бо дастгоҳу лавозимоти муосири тиббӣ ҷалб карда шуданд, ки дар рафти он 796 нафар эҳтиёҷмандон аз муоинаю ташхиси комилан ройгон бархӯрдор гардиданд. Дар рафти

***Давомаш дар саҳ.6***

НИШАСТИ МАТБУОТИИ ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН — саҳ.2

ТАТБИҚИ “БАРНОМАИ МИЛЛИИ ТАВОНБАХШИИ МАЪЮБОН БАРОИ СОЛҲОИ 2017-2020” МАВРИДИ ТАҲЛИЛУ ОМӮЗИШ ҚАРОР ДОДА ШУД — саҳ.6

ДАЛЕЛҲОИ АҶИБИ ТИББӢ — саҳ.7

ГИЁҲДАРМОНӢ РАЙҲОН — саҳ.8

**Давомаш. Аввалаш дар саҳ.1**

марҳум дар пешрафти илми тибби кишвар гуфтушунид сурат гирифта, вобаста ба ёдбуди Раҳматулло Раҳмонов дақиқаи хомӯшӣ эълон карда шуд.

Дар идомаи ҷаласа Саида Умарзода, муовини якуми вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи нақшаи ҳайати мушовара вобаста ба натиҷаи фаъолияти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи аввали соли равон ва нақша-чорабиниҳои вазорат дар нимсолаи дуввуми соли 2018 баромад намуд.

Дар амал татбиқ гардидани "Стратегияи миллии солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020", рушди таҳсилоти тиббию фармасевтӣ, пешбурди сиёсати кадрҳо ва илм, беҳтар намудани сатҳ ва сифати хизматрасонии тиббӣ, ҳифзи сиҳатии модару кӯдакон, вазъи эпидемиологии бемориҳои сироятӣ дар ҷумҳурӣ, татбиқи сиёсати иҷтимоии давлат дар самти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, аз мавзӯъҳои меҳварие буданд, ки дар кори ҷаласа мавриди таҳлилу баррасӣ ва таҳлил қарор дода шуданд.

Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Олимзода Насим Хоҷа, аз натиҷаи фаъолияти Вазорат дар нимсолаи аввали соли равон изҳори қаноатмандӣ намуда, аз кормандону масъулини соҳа тақозо кард, ки барои боз ҳам беҳтару самараноктар гардидани хизматрасонии тиббӣ дар кишвар, дастраси аҳолӣ ба он, рушди илмиву касбии тиб ва дигар ҷанбаҳои муҳим тамоми саъй ва талоши худро ба кор баранд. Ҳамзамон, роҳбарияти Вазорат аз фаъолияти ғайриқаноатбахши бархе муассисаҳои соҳаи тандурустӣ интиқод намуда, ба масъулон ва роҳбарияти онҳо барои ислоҳи вазъи пешомада ва пешбурди минбаъдаи соҳа дастуру супоришҳои мушаххас дод.

**www.moh.tj**

# НИШАСТИ МАТБУОТИИ ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

"Ҳифзи солимии аҳолии мардуми кишвар - яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии имрӯзаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Мавриди зикр аст, ки Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2017 "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷӣ" яке аз рӯйдодҳои муҳими сиёсии мамлакат дар интиҳои соли 2017 ба шумор рафта, роҳнамоиҳои Сарвари давлат моро дар раванди таҳкими сиёсати бомароми соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҳидоят менамояд. Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2018-ро "Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" эълон намуданд, ки барои тараққӣ додани соҳаи сайёҳӣ, муаррифии шоистаи имкониятҳои сайёҳии мамлакат ва фарҳанги миллӣ дар арсаи байналмилалӣ, инчунин, ҷалби сармоя ба инфрасохтори сайёҳӣ мусоидат хоҳад кард"- ин нуктаро имрӯз Саида Умарзода, муовини якуми вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, зимни баргузории нишасти матбуотии ин ниҳод баён намуд.

Мавриди зикр аст, ки нишасти матбуотиро Саида Умарзода, муовини якуми вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарӣ намуда, дар кори он Зафар Гулаҳмадзода, муовини сардори Раёсати рушди иҷтимоии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар муовинони вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардорони раёсатҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбарият ва намояндагони муассисаҳои зертобеи вазорат, дигар шахсони расмӣ ва намояндагони доираи васеи ВАО иштирок намуданд.

Дар оғози нишасти матбуотӣ Саида Умарзода вобаста ба фаъолияти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи аввали соли 2018 ва бурду бохти ин ниҳод дар давраи ҳисоботӣ ба рӯзноманигорон маълумоти муфассал пешниҳод кард.



Саида Умарзода зимни баромади хеш аз ҷумла қайд намуд, ки - "Қайд кардан лозим аст, ки рӯзҳои 20-21 июни соли 2018 дар шаҳри Душанбе бо иштироки Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, барои солҳои 2018-2028" баргузор гардид, ки дар он Олимзода Насим Хоҷа, вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамраисии Панели роҷеъ ба масъалаҳои оби ошомиданӣ ва беҳдоштро ба ухда дошт, ки дар самти расидан ба мақсадҳои муайяншудаи Ҳадафҳои рушди устувор 6 (ҲРУ-6) таъсиргузор буданд.

Ёдовар бояд шуд, ки ҷараёни иҷрои «Стратегияи миллии солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020» ва «Дурнамои пешгирӣ ва назорати бемориҳои ғайрисироятӣ ва осеббардорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2023» 24 майи соли 2018 дар ҷаласаи навбатии Шӯрои миллии ҳамоҳангсозӣ оид ба масъалаҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти раисии муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Азим Иброҳим ва бо иштироки намояндагони вазорату идораҳои дахлдор мавриди баррасӣ қарор гирифт, вобаста ба камбудиву норасоиҳои ҷойдошта ва беҳтаркунии амалисозии онҳо дар оянда қарорҳои дахлдор қабул карда шуд.

Бо мақсади расидан ба ҳадафҳои ниҳоии татбиқи босамари «Дурнамои пешгирӣ ва назорати бемориҳои ғайрисироятӣ ва осеббардорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2023» нақша-чорабиниҳои соҳавӣ дар самтҳои гуногуни бемориҳои ғайрисироятӣ ва осеббардорӣ барои соли 2018 таҳия гардида, айни ҳол мавриди амал қарор доранд.

Дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби мутахассисони Муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии таълимию клиникии тибби оилавӣ" дар ҳамкорӣ бо Муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии ташаккули тарзи ҳаёти солим" бо мақсади ворид намудани "Дастур оид ба шарикӣ бо ҷомеа дар масъалаи саломатӣ", ки бо фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 марти соли 2017 тасдиқ шудааст, дар шаҳри Конибодоми вилояти Суғд, шаҳрҳои Бохтар ва Кӯлоби вилояти Хатлон давраҳои омӯзишӣ бо намояндагони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, раисони ҷамоатҳо ва директорони марказҳои саломатии деҳот гузаронида шуд.

Тибқи фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 феврали соли 2018, №186 бо мақсади танзими муносибатҳо байни табибони оилавӣ, ҳамшираҳои тибби оилавӣ ва мутахассисони ботаҷрибаи соҳа, мубодилаи дониш, маҳорат ва малакаҳои касбӣ ҷиҳати беҳтар намудани сифати хизматрасонии тиббӣ дар сатҳи шабакаи муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарии шаҳру ноҳияҳо "Низомнома оид ба устодӣ дар тибби оилавӣ" таҳия ва тасдиқ гардид.

Дар 6 моҳи соли ҷорӣ дар заминаи Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии таълимию клиникии тибби оилавӣ», марказҳои вилоятӣ ва шуъбаҳои байниноҳиявӣ 380 нафар кормандони тиб (31 нафар табиб ва 349 нафар корманди миёнаи тиб) давраи бозомӯзиро аз рӯи ихтисоси тибби оилавӣ хатм намуда, ба ҷойҳои кории худ баргаштанд.

Дар самти беҳтар намудани сатҳ ва сифати хизматрасонии тиббӣ таҳияи ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки аз Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд, давом дошта, дар давраи ҳисоботӣ наздик ба 30 лоиҳаи ҳуҷҷати меъёрии ҳуқуқӣ таҳия гардида, айни ҳол дар сатҳи баррасии ниҳоӣ қарор доранд.

Бо дарназардошти зарурияти истеҳсолӣ, ҳамзамон, афзалият бахшидан ба истифодаи васеи гиёҳҳои шифобахш, алалхусус гиёҳҳои ватанӣ, дар давраи ҳисоботӣ раванди таҳия ва мавриди бозбинӣ қарор додани дастурҳои клиникӣ идома дода шуда, дар 6 моҳи соли 2018 дар самти пешгирӣ, ташхис ва муолиҷаи бемориҳои чашм, дилу рагҳо, бемориҳои сироятӣ, бемориҳои асаб ва токсикология дастурҳои клиникӣ бозбинӣ ва бо фармоишҳои алоқаманди вазорат тасдиқ гардиданд.

Бояд қайд кард, ки дар Муассисаи давлатии «Маркази миллии илмии пайвандсозии узв ва бофтаҳои инсон» то имрӯз дар маҷмӯъ ба зиёда аз 412 нафар бемор амалиётҳои пайвандсозии гурда ва ба 29 нафар бемор ҷарроҳии пайвандсозии ҷигар, дар 6 моҳи соли 2018 бошад, ба 55 нафар бемор амалиёти ҷарроҳии пайвандсозии гурда ва ба 4 нафар ҷарроҳии пайвандсозии ҷигар гузаронида шуданд. Ҳамзамон, ҷиҳати коҳиш додани шумораи нафароне, ки ба хориҷи кишвар барои ташхис ва табобат сафар мекунанд, дар заминаи Муассисаи давлатии «Маркази миллии илмии пайвандсозии узв ва бофтаҳои инсон» шуъбаи пайвандсозии мағзи устухон фаъолият дошта, то имрӯз ба 6 нафар бемор амалиёти пайвандсозии мағзи устухон гузаронида шудааст. Мавриди зикр аст, ки то имрӯз дар Маркази мазкур ба 63 нафар шаҳрвандони хориҷӣ амалиёти пайвандсозии узвҳо гузаронида шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ бо ҷалби сармутахассисони Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, роҳбарони муассисаҳои тиббии ҷумҳуриявӣ, устодони баландпояи муассисаҳои олии таълимии тиббии ҷумҳуриявӣ ва мутахассисони соҳибтаҷрибаи муассисаҳои тиббии ҷумҳуриявӣ «Корвони саломатӣ» ташкил ва ба шаҳрҳои Кӯлобу Бохтари вилояти Хатлон ва ноҳияи Рашт сафарбар карда шуд. Дар баробари ташхису муоина ва тавсияи мутахассисон гурӯҳи корӣ тахти шиори «Аз ташхиси вируси норасоии масуният одам (ВНМО) гузар, аз солимии худ огоҳ бош» дар байни аҳолӣ суҳбату вохӯриҳо баргузор намуданд.

Ҳифзи сиҳатии модару кӯдак яке аз масъалаҳои афзалиятноки Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба ҳисоб меравад.

Мувофиқи маълумотҳои омории пешакӣ, дар ҷумҳурӣ дар 6 моҳи соли 2018 - нишондоди фавти кӯдакони синни то 1-сола 14,7 дар 1000 зиндаваллуд (соли 2017 – 16,3)-ро

**Давомаш дар саҳ.3**

**Давомаш. Аввалаш дар саҳ.2**

ташкил дод. Нишондоди фавти кӯдакони синни то 5-сола бошад, ба 18,0 (соли 2017 – 20,5) дар 1000 зиндатаваллуд баробар гардид.

Дар доираи татбиқи “Барномаи миллии тавонбахшии маъюбон барои солҳои 2017 - 2020”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2016, тахти №455 тасдиқ гардидааст, бо фармоиши вазорат аз 20 марти соли 2018, тахти №268 Шӯрои байнисоҳавии ҳамоҳангсозӣ оид ба татбиқи барномаи мазкур таъсис дода шуда, Низомномаи Шӯро, ҳайат ва нақшаи кории он тасдиқ карда, 2 майи соли 2018 ҷаласаи якуми шӯрои мазкур бо иштироки намояндагони вазорату идораҳои дахлдор гузаронида шуд.

Дар шуъбаи кӯдаконаи ҷоғу рӯйи Муассисаи давлатии Маркази миллии тиббии “Шифобахш” дар 6 моҳи соли ҷорӣ зиёда аз 320 амалиёти ҷарроҳӣ гузаронида шуд.

Дар санаи 28 июни соли 2018 Конференсия дар мавзӯи “Қадамҳои Тоҷикистон ба таъмини устувори аҳолӣ бо ғизои солим” бо иштироки вакилони Маҷлиси намояндагон, намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, коршиносони байналмилалӣ ва васоити ахбори омма гузаронида шуд.

Нишондоди фавти модарон дар 6 моҳи соли 2018 – 28,3 нисбат ба 100 000 зиндатаваллудро ташкил намуд (соли 2017–31,1). Фоизи истифодабарандагони маводҳои контрасептивӣ дар байни занони қобили таваллуд 37,2% ва зоишҳои хонагӣ 3,9%-ро ташкил намуданд.

Рушди таҳсилоти тиббию фармасевтӣ, пешбурди сиёсати кадрҳо ва илм яке аз муҳимтарин самтҳои фаъолияти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Тибқи фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 майи соли 2018, № 520 «Оид ба тақсимоти хатмкунандагони соли таҳсили 2017 – 2018 – и Муассисаи давлатии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино», бо мақсади тайёр намудани кадрҳои тиббӣ дар зинаҳои интернатура ва ординатураи клиникӣ, магистратура аз рӯи ихтисосҳои афзалиятдошта тақсимоти фардии 1323 нафар хатмкунандагони ватании донишгоҳ гузаронида шуд.

Бояд қайд кард, ки дар 6 моҳи соли равон бо мақсади иҷроиши бандҳои II, III - и «Қоидаҳо оид ба тартиби гузаронидани аттестатсияи кадрҳои тиббӣ ва фармасевтии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Низомномаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи марти соли 2018 аттестатсияи навбатии кормандони соҳаи тандурустӣ дар шаҳрҳои Душанбе, Бохтар ва Кӯлоби вилояти Хатлон гузаронида шуд, ки дар шаҳри Душанбе 300 нафар табибон ва вилояти Хатлон 400 нафар табибон ба аттестатсия фаро гирифта шуданд.

Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» дар 6 моҳи соли 2018 дар самти баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонидани ҷараёни таҳсил корҳои муҳимро ба сомон расонидааст.

Дар 6 моҳи аввали соли 2018 дар назди Маркази таҳсилоти баъдидипломии донишгоҳ ҳамагӣ 506 нафар шунавандагон аз давраҳои такмили ихтисоси педагогӣ, технологияи иттилоотӣ, такмили ихтисоси тахассусӣ ва курсҳои ихтисосгирии аввалия гузаштанд.

Дар 6 моҳи соли 2018 муассисаҳои илмии зертобеи Муассисаи давлатии «Академияи илмҳои тиббии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон» корҳои илмӣ-тадқиқотиро аз рӯи 18 лоиҳаи илмии аз буҷети давлатӣ маблағгузоришаванда, 11 мавзӯи илмӣ оид ба «Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011 – 2020» ва 6 мавзӯи ташаббусӣ давом доданд.

Омӯзиши вазъи эпидемиологии бемориҳои сироятӣ дар ҷумҳурӣ дар нимсолаи аввали соли 2018 нишон медиҳад, ки сироятҳои ниҳоят хавфнок ба монанди вабо, таби хунин ва тоун ба қайд гирифта нашудаанд.



Тибқи нақшаи кории Сарраёсати назорати давлатии санитарию эпидемиологии Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва марказҳои он дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва баҳри амалӣ гардидани Қатъномаи Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор барои солҳои 2018-2028” дар давраи 6 моҳи соли 2018 аз тарафи мутахассисон дар манбаъҳо ва шабакаҳои таъминоти оби нӯшокӣ 42 адад санҷиши санитарию эпидемиологӣ бо истифода аз усулҳои лабораторӣ гузаронида шудааст. Баҳри бехатарӣ ва сифати оби нӯшокӣ аз тарафи марказҳои назорати давлатии санитарию эпидемиологии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба роҳбарони КВД “Обу корезӣ” пешниҳодҳои санитарӣ ирсол карда шудааст.

Дар ҳамин давра аз тарафи мутахассисони Сарраёсати назорати давлатии санитарию эпидемиологии Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва марказҳои он дар вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар иншоотҳои зериназоратӣ оиди риояи талаботҳои санитарию эпидемиологӣ 5462 санҷиш гузаронида шудааст, ки барои риояи нагардидани талаботҳои санитарию эпидемиологӣ ба 1707 нафар протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шуда, ба маблағи умумии 237 850 сомонӣ ҷарима баста шудааст. Инчунин, фаъолияти 668 иншоот бо сабаби ҷавобгӯ набудан ба талаботҳои санитарию гигиенӣ муваққатан боздошта шудааст.

Дар рафти санҷишҳо аз дукону мағозаҳои фурӯши маҳсулоти хӯрокворӣ, бозорҳо ва нуқтаҳои савдои шаҳру ноҳияҳо аз ҷониби мутахассисон тибқи талаботҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.08.2012с., №890 “Дар бораи бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ” дар давраи ҳисоботӣ ҳамагӣ 218 378,87 кг ва 2664 дона тухм аз ҷумла, маҳсулотҳои гӯштӣ 1867,79 кг, гӯшти мурғ 151 475 кг, моҳӣ 48 000 кг, кала-поча 894 кг, нахӯди шӯр 910 кг, маҳсулотҳои қаннодӣ 3947,94 кг, намак 290,19 кг, маҳсулотҳои полезӣ 2567,2 кг, гандуми тухми триходесмадор 5400 кг, хӯришҳои консервагӣ 281 кг, нӯшокиҳо 1962,7 литр ва равғани растанӣ 477,3 кг, маҳсулотҳои ширӣ 183,75кг/л, бо сабабҳои мӯҳлати истеъмолашон гузашта, бе нишондодҳои реквизитӣ аз нигоҳи санитарию гигиенӣ шубҳанок будан ва дигар омилҳо аз муомилот гирифта шудаанд. Инчунин, 1292 адад бозича, 135 адад зарфҳои пластикӣ ва 110 адад вазелини пастсифату ба талаботҳо ҷавобгӯ набуда аз муомилот гирифта шудаанд.

Оиди бемориҳои шадиди роҳҳои нафас, зуком, таби хунин, табларзаи Зика, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, пешгирии бемориҳо бо тарики об гузаранда ва бехатарии маҳсулотҳои хӯрока тариқи васоити ахбори оммаи ҷумҳурӣ 13 маротиба баромад ва барои



корҳои оммафаҳмонӣ наворҳо омода ва нишон дода шуданд.

Яке аз шаклҳои афзалиятнок дар самти хизматрасонии иҷтимоӣ таъмин намудан бо хизмат бевосита дар макони зисти шаҳрвандони эҳтиёҷманд дар муҳити одаткардаашон мебошад, ки давоми 6 моҳи соли 2018 аз тарафи шабакаҳои хизматрасонии иҷтимоии будубоши муваққатӣ дар ҷумҳурӣ ба 4188 нафар ниёзмандон хизмати иҷтимоӣ ва тавонбахшии ҷисмониву равонӣ расонида шудааст, ки аз инҳо 1462 нафарашон пиронсолону маъюбон буда, 2726 нафарашон кӯдакони имконияташон маҳдуд мебошанд.

Ҷиҳати иҷрои Фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2017, №92-ф, «Оид ба таҳияи нишондиҳандаҳои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021», бо мақсади самаранок истифода намудани захираҳои буҷетӣ ва ворид намудани банақшагирии молиявии миёнамуҳлат дар соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ тибқи дастурамали Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 январи соли 2018, фармоишҳои вазорат аз 20 январи соли 2018 тахти №49 “Дар бораи таъсиси гурӯҳи кории соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ оид ба таҳияи “Нишондиҳандаҳои Буҷети давлатӣ барои солҳои 2019-2021” ва аз 9 феврали соли 2018, №121 «Оид ба таҳия намудани Нишондиҳандаҳои Буҷети давлатӣ барои солҳои 2019-2021» дар Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расонида шуданд.

Дар давраи ҳисоботӣ бо мақсади фароҳам намудани инфрасохтори мусоиди соҳаи тандурустӣ ва беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии босифат, саривақтӣ ва баландихтисоси тиббӣ дар доираи сафари кории Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд моҳи июни соли 2018, бо иштироки бевоситаи Пешвои миллат, бинои нави шуъбаи ҷарроҳӣ ва наҷоти Беморхонаи маркази ноҳияи Шаҳристони вилояти Суғд мавриди истифода қарор дода шуд.

Дар баробари ин аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ду майдончаи варзишӣ сохта, ба истифода дода шуд.

Айни ҳол, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 ширкати дорусозӣ ва зиёда аз 183 намуди доруворӣ ва 3 номгӯи маҳсулоти тиббиро аз қайди давлатӣ гузаронида шудаанд.

Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи аввали соли 2018 ҳамаи саъю кӯшиши худро барои иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон равон намуда, дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои алоқаманд, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ва шарикон оид ба рушд фаъолиятро дар самти корҳои сохтмонӣ ва таъмиру барқарорсозӣ, беҳтар намудани сатҳ ва сифати хизматрасонии тиббию санитарӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, рушди захираҳои кадрӣ ҷоннок карда истодааст.

Бояд қайд намуд, ки бо дастгирии бевоситаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имрӯз дар самтҳои мухталифи соҳа як қатор пешравиҳо дида мешаванд. Вале фаъолияти соҳа дар ин ҷабҳа боз ҳам ниёзманди тақвият ва такмил аст.

Вазорат бо тамоми масъулият ва ҷиддан тасмим гирифтааст, ки минбаъд низ дар заминаи дастуру супоришҳои Роҳбари давлат фаъолияти соҳаро аз камбудиҳои ҷойдошта орӣ намуда, ба дастовардҳои бештар муваффақ гардад”.

Баъд аз баромади муфассали Саида Умарзода, муовини якуми вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба фаъолияти ин соҳа дар нимсолаи аввали соли 2018 нишасти матбуотии ин ниҳод бо саволу ҷавобҳо хотима ёфт, ки зимни он роҳбарият ва кормандони Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба саволҳои намояндагони ВАО посухҳои мушаххас доданд.


ОДАФТ
-------- 150 --------
Флуконазол таблетки
Синтетическое противогрибковое средство из группы триазолов
Показания:
▷ Вагинальный кандидоз;
▷ Ротоглоточный и пищеводный кандидоз;
▷ Криптококковый менингит;
▷ Кандидозные инфекции мочевыводящих путей и перитонит;
▷ Системные кандидозные инфекции;
▷ Профилактика кандидоза у пациентов, получающих цитотоксическую и/или лучевую терапию после трансплантации костного мозга.
1 таблетка
ОДАФТ
150
Флуконазол таблетки
ТОВАР СЕРТИФИЦИРОВАН


ВОЛШЕБНАЯ СИЛА ТРАВ
Устраняет кашель и боль в горле
Освежает полость рта
■ Без притовопоказаний
■ Не вызывает побочные эффекекты
100 мл
ТРАВИСИЛ™
Травяной сироп от кашля
Plethico
СПРАШИВАЙТЕ В АПТЕКАХ


НИМЕЗ™
Быстрое и безопасное действие при повышенной температуре и боли
● Ревматоидный артрит и остеоартрит;
● Воспаления мягких тканей;
● Лихорадка;
● Боль;
● Головная боль;
● Зубная боль.
1 x 10 таблеток
Нимесулид таблетки 100 мг
НИМЕЗ™
Быстрое и безопасное действие при повышенной температуре и боли
СПРАШИВАЙТЕ В АПТЕКАХ
Plethico
Pledged to Ethics


МЕТРОГИЛ ДЕНТА®
МЕТРОГИЛ ДЕНТА®
Показания к применению
Инфекционно-воспалительные заболевания пародонта и слизистой оболочки полости рта:
— острый и хронический гингивит;
— острый язвенно-некротический гингивит Венсана;
— острый и хронический пародонтит;
— юношеский пародонтит;
— пародонтоз, осложненный гингивитом;
— афтозный стоматит;
— хейлит;
— воспаление слизистой оболочки полости рта при ношении протезов;
— постэкстракционный альвеолит;
— периодонтит, периодонтальный абсцесс
ТОВАР СЕРТИФИЦИРОВАН

# ПАРДИФЕН
## АКТИВ ГЕЛЬ
3% ДИКЛОФЕНАК




*Живи без боли!*

# *Живи без боли!*

Дом, работа, семья - все в нашей жизни держится на женщинах. Приготовить, убрать, позаботиться о муже и детях, а еще не забыть и о служебных обязанностях... Со всем справиться, все успеть! Представьте, какой груз забот достается каждый день нашей спине, шее, суставам и мышцам! Не удивительно, что к концу дня все тело «ломит», «тянет» и «ноет» - а то и вовсе «отваливается»!

Как же оставаться активной и энергичной, когда на твоем пути появляется боль? Как позаботиться о себе, если опять «свело», «защемило», «продуло», если вдруг «ударились» или «подвернули»? Современный ответ боли и воспалению - **Пардифен актив гель**, надежное и проверенное средство. **Пардифен актив гель** помогает снять боль и уменьшает воспаление, в отличие от некоторых традиционных средств, которые только «отвлекают» от боли, создавая иллюзию облегчения. **Пардифен актив гель** действует местно преимущественно на пораженный участок, практически не влияя на организм в целом - а значит, он не раздражает пищеварительный тракт и не нагружает печень. В составе препарата нет гормональных компонентов и его можно применять еще до консультации с врачом.

**Пардифен актив гель** выручает вас дома, на работе, в поездке или в гостях. Он легко наносится, не вызывая жжения и не раздражает кожу, не пачкает одежду, имеет приятный запах - и не требует наложения громоздких повязок или компрессов.

**Позаботьтесь о наличии Пардифен актив гель в вашей аптечке. Пардифен актив гель - ваш надежный помощник, правильный выбор для вас и вашей семьи!**

Если вы чувствуете боль, значит, организм посылает сигнал SOS. Ведь он возникает под действием особых веществ, в частности, простагландинов, которые вырабатываются в месте повреждений и травм. Чем больше этих веществ, тем сильнее боль, воспаление, отек - и тем труднее нам делать вид, что ничего не случилось и все «само пройдет». Нужно средство, способное остановить выработку веществ, вызывающих боль (простагландинов). Таким препаратом является **Пардифен актив гель**. Позаботьтесь о том, чтобы он всегда был у вас под рукой.

# Рецепты здоровья

**БОЛЬ** - это сигнальная функция организма, оповещающая человека о каких-то неполадках его тела. **БОЛЬ**, психофизиологическая реакция организма, возникающая при сильном раздражении чувствительных нервных окончаний, заложенных в органах и тканях. Один из наиболее ранних симптомов некоторых заболеваний.

# Чтобы суставы не болели

**ДВОЙНЫЕ МАХИ**

**И.п. (исходное положение).** Встаньте ровно, держитесь левой рукой за спинку стула. Правая - на поясе. Согните правую ногу в колене под углом 90°. На выдохе отведите согнутую ногу вправо вверх, на вдохе отпустите вниз. На выдохе отведите ее назад вверх и на вдохе вернитесь в и. п. **Повторите 8-12раз.** Выполните упражнение левой ногой.



**УГОЛОК**

**И.п.** Встаньте ровно, держитесь левой рукой за спинку стула. Поднимите правую ногу, согнутую в колене по углом 90°, придерживайте ее рукой для фиксации колена в одной точке. На выдохе плавно разогните ногу в колене и на вдохе медленно верните ее в и. п. **Повторите 8-12 раз.** Затем продолжите упражнение левой ногой.



**ЦАПЛЯ**

**И.п.** Встаньте ровно, держитесь левой рукой за спинку стула, Правая - на поясе. Поставьте правую ногу на носок накрест через левую. На выдохе, сгибая и разворачивая правое колено, подтяните ступню вверх. На вдохе вернитесь в и.п. **Повторите 8-12раз.** Затем - то же левой ногой.

**Усложняем.** Во время подъема ноги можно слегка надавливать рукой на внутреннюю часть бедра.



**ПРУЖИНА**

**И.п.** Встаньте ровно , держитесь левой рукой за спинку стула. Правая - на поясе. Ноги на ширине таза. На выдохе чуть присядьте, не отрывая пяток от пола. Спину держите ровно. На выдохе отведите правую ногу в сторону, не смещая таза. **Повторите 8-12раз.** Затем продолжите упражнение с левой ноги.

**УСЛОЖНЕНИЕ.** Можно надеть на щиколотку специальное утяжеление (0,5-2кг.).






**Вас беспокоят?**
- **Боли в суставах**
- **Боли в мышцах**
- **Боли в пояснице и позвоночнике**
- **Боли при растяжениях и травмах**

**ПАРДИФЕН**
**АКТИВ ГЕЛЬ**
3% ДИКЛОФЕНАК

# “Корвони саломатӣ” дар кумаки аҳолии кишвар



*Давомаш. Аввалаш дар саҳ.1*

баргузории “Корвони саломатӣ” 303 нафар бемор дарёфт карда шуда, ба муассисаҳои тандурустӣ роҳхат дода шуданд.

Зимни баргузории “Корвони саломатӣ” 26 нафар кӯдак аз амалиёти “хатна” гузаронида шуда, аз ҷониби табибони бемориҳои занона 178 нафар занҳои қобили таваллуд аз муоинаи тиббӣ гузаронида шуданд.

Ҳамзамон, аз ҷониби мутахассисони нақлиёти сайёри тиббии Муассисаи давлатии «Маркази мубориза бо ВНМО» 233 нафар шаҳрвандон аз муоина гузаронида шуданд.

Ёдовар мешавем, ки санаи 6-уми июли соли равон низ "Корвони саломатӣ"-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ноҳияи А. Ҷомӣ сафарбар гардида буд.

Дар рафти баргузории чорабинӣ 20 нафар мутахассисони тиббии вилоятӣ, 1 адад дастгоҳи сабти барқии дил, 1 адад дастгоҳи ултрасадо, нақлиёти сайёри тиббии Маркази «Мубориза бо ВНМО»-и вилояти Хатлон (бо 1 адад дастгоҳи ултрасадо ва таҳлилҳои ВНМО, қанди хун) ва табиби ҷарроҳии кӯдакона барои гузаронидани амалиёти “хатна” сафарбар карда шуданд.

Зимни кори “Корвони саломатӣ” 888 нафар эҳтиёҷмандон бо муоинаю ташхис тавассути дастгоҳу таҷҳизотҳои муосири тиббӣ фаро гирифта, ройгон аз муоинаи тиббӣ гузаронида шуда, 353 нафар бемор дарёфт карда шуд. Ба беморони дарёфткардашуда тавсияҳо ва табобатҳо фармуда шуданд.

Инчуни, 32 нафар кӯдак аз амалиёти “хатна” гузаронида шуданд. Аз тарафи табибони бемориҳои занона 273 нафар занҳои қобили таваллуд аз муоинаи тиббӣ гузаронида шуданд, ки аз он ҷумла, занҳои ҳомила 61 нафар, таъмин намудан бо маводи контрасептикӣ 15 нафарро ташкил медиҳад.

Аз тарафи табибони асабшинос 33 нафар, табибони бемориҳои дил 72 нафар, аз он ҷумла СБД 46 нафар, мутахассисони бемориҳои чашм 32 нафар, табибони ҷарроҳ 11 нафар, осебшинос 22 нафар, табибони бемориҳои ғадудҳои даруна 35 нафар, табиби бемориҳои пусту зуҳравӣ 16 нафар, табиби саратоншинос 7 нафар, духтури бемориҳои кӯдакона 82 нафар, табиби уролог 11 нафар, табиби гулӯву гӯшу бинӣ 7 нафар, стоматолог 19 нафар, силшинос 11, сироятшинос 55 нафар аз муоина гузашта, тавсия ва табобатҳо фармуда шуданд.

"ШИФО"

## ТАТБИҚИ “БАРНОМАИ МИЛЛИИ ТАВОНБАХШИИ МАЪЮБОН БАРОИ СОЛҲОИ 2017-2020” МАВРИДИ ТАҲЛИЛУ ОМӮЗИШ ҚАРОР ДОДА ШУД

Санаи 26 июли соли равон дар Муассисаи давлатии “Душанбе Плаза”, воқеъ дар пойтахти кишвар шаҳри Душанбе, ҷаласаи Шӯрои байнисоҳавӣ ва Кумитаҳои роҳбарикунанда оид ба татбиқи “Барномаи миллии тавонбахшии маъюбон барои солҳои 2017-2020” доир гардид.

Дар кори ҷаласаи мазкур роҳбарият ва намояндагони Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ниҳодҳои давлатӣ иштирок ва суханронӣ намуданд.

Ҷаласаи мазкурро Саида Умарзода, муовини якуми вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сухани ифтитоҳӣ ҳусни оғоз бахшида, дар рафти суханронии хеш вобаста ба рафти дар амал татбиқ гардидани “Барномаи миллии тавонбахшии маъюбон барои солҳои 2017-2020” дар ҳузури иштирокдорон муфассал суханронӣ намуд.

Дар амал татбиқ намудани “Барномаи миллии тавонбахшии маъюбон барои солҳои 2017-2020”, пешравиҳои назаррас дар соҳа, нақшаҳои минбаъда дар доираи татбиқи “Барномаи миллии тавонбахшии маъюбон барои солҳои 2017-2020” аз масъалаҳои аслии маърӯзачиёни ҷаласа дониста шуд.

Баъд аз ҷамъбаст гардидани ҷаласаи Шӯрои байнисоҳавӣ ва Кумитаҳои роҳбарикунанда оид ба татбиқи “Барномаи миллии тавонбахшии маъюбон барои солҳои 2017-2020” дар Муассисаи давлатии “Душанбе Плаза” бо иштироки намояндагони Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шарикони рушд, намояндагони кумитаҳои маҳаллӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ҷаласаи шарикони рушд оид ба татбиқи “Барномаи миллии тавонбахшии маъюбон барои солҳои 2017-2020” ба кори худ оғоз бахшид.

Вазъи дар амал татбиқ намудани “Барномаи миллии тавонбахшии маъюбон барои солҳои 2017-2020” дар нимсолаи аввали соли 2018, роҳу василаи татбиқи “Барномаи миллии тавонбахшии маъюбон барои солҳои 2017-2020” дар сатҳи маҳаллӣ, вазъи таъмини воситаҳои ёрирасон ба шахсони маъюбидошта дар Тоҷикистон ва талабот нистани он, аз масъалаҳои аслие буданд, ки дар рафти кори ҷаласаи мазкур мавриди таҳлилу баррасӣ ва бозомӯзӣ қарор дода шуданд.

www.moh.tj

## ЧӢ ТАВР АЗ ГАРМО ЭМИН БИМОНЕМ? (Маслиҳати мутахассисони тиб)

Ватани мо кишвари офтобист ва мо мудом аз ин ҳисси ифтихору хушҳолӣ дорем ва гоҳо Меҳанамонро “Хонаи хуршед” ҳам мегӯем , вале ба назар мерасад, ки дар кӯча ҳарорат нисбат ба солҳои қаблӣ баландтар аст. Дар ин рӯзҳо ҳар яки мо суол мегузорем, ки чӣ тавр аз гармо ва оқибатҳои ногувори он наҷот ёбем?

Барои раҳо ёфтан аз шуои офтоб, одамон кӯшиш мекунанд барои шино ва роҳат кардан дар оби хунук ба сӯи ҳавзҳо, кӯлҳо ва дарёҳо шитобанд. Имрӯзҳо иншооти нави муосири зиёде баҳри фароғати одамон бунёд шудаанд, ки сокинон бо аҳли оилаи худ дар гулгашҳо зери сояи дарахтон ва назди фавворҳо истироҳат мекунанд. Бо ташаббуси Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе дар назди биноҳои истиқоматӣ майдончаҳои варзишӣ ва ҳавзҳои шиноварӣ бунёд шуда истодаанд, ки боиси хушҳолии кӯдаконанд. Вале, волидон фаромӯш насозанд, ки бояд кӯдаконро мунтазам назорат кард. Мутаассифона, ҳолатҳои нохуше ҳангоми шиновари хурдсолон мушоҳида мегардад.



Фасли тобистон барои одамоне, ки дар зери гармои тамуз кор мекунанд, бахусус деҳқонон, сохтмончиён, нонпазон, хизматчиёни хоҷагии коммуналӣ, ронандагон ва одамони касбу кори гуногун душвортар аст.

Дар бораи чӣ гуна паси сар намудани гармӣ як зумра тавсияҳои мутахассисони соҳаи тибро ҷамъ намудем, ки дар поён оварда шудаанд:

— барои гармиро ба осонӣ гузаронидан ташнагиро дуруст бояд шикаст. Ба шахсони калонсол дар ҳарорати зиёда аз 30 дараҷа гармӣ зарур аст, ки ҳар рӯз на камтар аз се литр об истеъмол намоянд. Ин меъёри ҳадди ақал буда, ба организм имкон медиҳад, ки талафоти моеъ ва моддаҳои минералиро барқарор кунанд;

— барои шикастани ташнагӣ дар гармӣ шарбати на он қадар ширини табиӣ айни муддаост. Дар гармӣ нӯшидани чойи кабуди гарм (бе шакар) бисёр муфид аст. Он ҳам ташнагиро мешиканаду ҳам ба саломатӣ фоидаи калон дорад. Ҳамчунин нӯшидани обҳои минералӣ, нӯшобаҳои на он қадар ширин ва квас тавсия дода мешавад;



— истеъмоли меваву сабзавоти дорои фоизи муайяни об (помидор, бодиринг, тарбуз) ба захира намудани об дар организм кӯмак мерасонад. Бо истифодаи онҳо дар ғизо Шумо на танҳо ташнагиро мешиканед, балки ҳамчунин захираҳои организмро бо минералҳо ва витаминҳо таъмин месозед;

— дар ҳавои гарм аз нӯшидани қаҳва ва дигар нӯшокиҳои дорои кофеин, машруботи спиртӣ, нӯшокиҳои ташнашикан (ба монанди фанта, кола, пепси, спрайт ва ғ.) беҳтар аст, ки худдорӣ намоед. Онҳо ба ҷуз зарар чизи дигаре ба саломатӣ намеоранд: кофеин, спирт ва шакар беобшавии организмро метезонанд, фишорро баланд мекунанд ва ба рагҳо сарбории зиёдатиро фароҳам меоранд;

— дар гармои тамуз аз истеъмоли хӯрокҳои шӯр, тунд ва миҷозашон гарм худдорӣ намоед. Ба ҷойи шӯрбои равғанӣ метавонед дар ин фасл аз хӯрокҳои сабук, ба мисли «зеленый борщ», лаблабушӯрбо, окрошка ва ғайраҳо истифода намуд. Бештар сабзавоту меваҷот истеъмол намоед;

— ҳангоми гармои тамуз интихоби дурусти либос аҳамияти муҳим дорад. Он бояд кушод, озод ва аз ҳама муҳим, шинаму гуворо бошад. Ба либосҳои ранги равшан, ки аз маҳсулоти пахтагӣ омода шудаанд, афзалият дода шавад.

"ШИФО"



# О Р У Ғ

Оруғ афтиши миқдоре ғизо ё ҳаво аз меъда ба ҳуфраи даҳон мебошад, ки бо садо ва бӯйи хос ҳамроҳ аст.

Одатан газ аз меъда андак-андак ва бо таври номаълум тавассути даҳон ё рӯдаҳо берун мешавад. Аммо ҳангоми фурӯбарии ҳавои барзиёд ё пайдоиши гази афзун дар меъда, фишори дохилимеъдавӣ афзуда, кӯтоҳшавии мушакҳои меъда, бемадории ҳамзамони сфинктери поёнии сурхрӯда (гузаргоҳи меъдаву сурхрӯда) ва фишурдашавии сфинктер дар байни меъдаву рӯдаи дувоздаҳангушта (сфинктери пилорикӣ) ба амал меояд, ки ин оруғро ба вуҷуд меорад.

Одамони солим хеле кам оруғ медиҳанд. Дар онҳо асосан оруғ ба сабаби афтиши ҳаво ба меъда ҳангоми хӯрокхӯрии бошитоб, истеъмоли нӯшокиҳои газнок, ҳангоми хушкхӯрӣ, хӯрдани нони гарм, карам, нахӯд ва лӯбиё ба вуҷуд меояд. Дар ин ҳолатҳо ҳаракоти ҷисмонӣ оруғро ба таҳрик меоранд.

Аммо оруғи доимӣ метавонад аломати бемориҳои гуногун бошад. Оруғ имкон дорад ҳангоми бемориҳои аъзои маҳватаи шикам, масалан, ҷигар, талхадон, инчунин ҳангоми бемориҳои дилу рагҳо (бемории ишемикии дил, инфаркти миокард ва ғайра) беихтиёр ба вуҷуд ояд, вале бештар ҳангоми бемориҳои меъдаву рӯдаи дувоздаҳангушта пайдо мешавад.

Оруғ боҳаво, боғизо, талх, турш, гандида, инчунин баланду паст мешавад. Оруғи боҳаво чун қоида бӯю таъм надорад ва ҳангоми фурӯбарии ҳаво (аэрофагия) ё пайдоиши гази афзун дар меъда ба вуҷуд меояд.

Оруғи гандида ҳангоми таваққуфи ғизо дар меъда (масалан, ҳангоми коҳиши туршнокии шираи меъда, ки ба гастрити атрофикӣ хос аст, ҳангоми саратон ё захми меъдаву захми рӯдаи дувоздаҳангушта, ҳангоми фаъолияти сусти таҳаррукии меъда, ҳангоми стенози (тангшавӣ) қисмати баромадгоҳи меъда) ба вуҷуд меояд, ки дар он вақт шахшавию вайроншавии ғизо рух медиҳад ва ин ба пайдошавии сулфиду аммиак дар меъда оварда мерасонад.

Ҳангоми оруғи боҳаво ба ҳуфраи даҳон ҳамроҳи ғизо миқдоре аз моддаҳои дохили меъда ворид мешавад, ки метавонад ба оруғ таъми талх, турш ва ҳатто пӯсида бидиҳад. Оруғи турш мумкин аст ҳангоми афзоиши туршнокии меъда ё ҳангоми ҳосилшавии барзиёди шираи меъда, ҳамчунин, аз ҳисоби ҷӯшиш ҳангоми набудани кислотаи намак дар шираи меъда ба вуҷуд ояд. Оруғи талх дар натиҷаи афтиши талха ба меъда пайдо мешавад.

Оруғи доимӣ, пеш аз ҳама, водор мекунад, ки бемор барои муайян намудани сабабҳои пайдоиши он аз ташхис гузарад.

Ҳангоми афзоиш ё коҳиши кислотаҳосилкунии меъда (агар маҳз ин омилҳо боиси оруғ шуда бошанд) аз ташхиси туршнокӣ (pH-метрияи меъда) гузаштан зарур аст.

Дар баробари табобати бемории асосӣ бемор бояд парҳезро риоя намояд: нӯшокиҳои газнок ва махсуоти хӯрокаеро, ки дар меъда бозмеистанд (лӯбиё, нахӯд ва монанди инҳо), истеъмол накунад. Тавсия дода мешавад, ки хӯрокро зуд-зуд ва ба миқдори кам истеъмол намояд.

Табибон дар Таснифи байналмилалии бемориҳо оруғро ба қисми R14 мансуб медонанд.

"ШИФО"

# ДАЛЕЛҲОИ АҶИБИ ТИББӢ

### Аллергия аз кӯдак

Ҷоанн Маки, зани 28-солаи англис баъди зоиш натавонист тифли худро роҳат ба даст бигирад, зеро ҳар боре, ки ӯ фарзандашро ба даст мегирифт, дар пӯсташ захмҳои дардноке пайдо мешуданд. Пас аз муроҷиат ба табибон маълум гардид, ки ӯ гирифтори бемории нодири пӯст – Pemphigoid Gestationis мебошад. Ин беморӣ ба сифати аллергия аз кӯдак дар бемори мо пайдо шудааст.

Дар аввал, вақте ки Ҷоанн Маки чунин ташхисро аз табибон шунид, фикр кард, ин танҳо як шӯхӣ аст. Баъдтар ҳақиқат доштани ташхисро фаҳмида, хеле ғамгину нигарон шуд, зеро дигар ӯ



наметавонист вазифаҳои модарияшро дар назди фарзандаш анҷом диҳад.

Дар ду моҳи аввали баъди ташхис ӯ маҷбур шуд, ки пеш аз ба даст гирифтани кӯдак дастҳояшро бо сачоқ печонад. Хушбахтона, баъдтар табибон муввафақ шуданд, ки бо ёрии стероидҳои пурзӯр бемории ин англисзанро табобат намоянд.

### Аллергия аз об

Одамон дар давоми умри худ тақрибан 5000 маротиба бемор мешаванд. Ба ин омор ҳама гуна бемориҳо новобаста ба шаклу дараҷаашон дохил мешаванд. Ҳар як инсон соле то се маротиба ба табиб муроҷиат менамояд. Дар ҳамин ҳол бемориҳои аҷибе мавҷуданд, ки сабабу омилҳои пайдоиш ва роҳҳои табобати онҳо то ҳанӯз чун як муаммо боқӣ мондаанд.

Зане аз Австралия бо номи Эшли Моррис ба



як бемории нодири пӯст Aquagenic Urticaria (навъи ғайримуқаррарии газна) гирифтор аст, ки ҳангоми расиши пӯсти танаш ба об дар баданаш аллергия пайдо мешавад. Ҳатто арақи танаш метавонад сӯзиши дардноки пӯстро ба вуҷуд оварад.То имрӯз сабабҳои пайдоиши он маълум нест ва доруву давое низ надорад.

"ШИФО"



# РАЙҲОН

Райҳон (ба лотинӣ - Ocimum) растании бўстонии як ё бисёрсола аз оилаи наъноиҳо мебошад. Райҳонро "шоҳиспарам", "шоҳиспарғам" ва "нозбӯ" низ мегӯянд. Мизоҷаш дар дараҷаи якум гарм ва дар дуввум хушк аст.

Райҳон аз замонҳои қадим дар рӯзгори мардуми тоҷик ҷойгоҳи хос дошт. Тоҷиконро онро ҳам дар кори ошпазӣ ва ҳам дар тиб васеъ истифода мебурданд. Гузаштагони мо дар осори хаттии худ хислатҳои шифобахши райҳонро ба таври муфассал қайд намудаанд. Хонандагони арҷманд, ин ҷо хӯшае аз он маълумотҳоро бароятон пешкаш менамоем.

Мувофиқи тавсияи табибони мардумӣ, агар райҳонро бихӯранд, гиреҳҳои майнаро мекушоянд, варамҳои ҳамаи узвҳоро таҳлил медиҳад; дилзанак, сустӣ ва заъфи меъдаро шифо мебахшад, инчунин, бодҳои ғализро таҳлил медиҳад.

Оби барги онро бо шакар ширин карда биёшоманд, дарди узвҳои даруни сина, дамкӯтаҳӣ ва сурфаро дафъ мекунад. Райҳонро бихоянд ё оби онро дар даҳан гардонанд, ҷӯшиши даруни даҳанро, ки пухтани даҳан низ меноманд, дафъ месозад.

Райҳонро як шаб дар об тар карда, баъд он обро биёшоманд, узвҳои баданро, ки гарм бошанд, ба сардӣ меоварад ва онҳоро қувват мебахшад.

Бӯйидани райҳон дарди сареро, ки аз гармӣ бошад ва инчунин дар вақти сафар дарди сар ба ҳам расида бошад, таскин медиҳад; иллати ваборо дафъ мекунад. Аз бӯйи райҳон ҷонварони зиёнкор мегурезанд.

Тухмаш барои ҳамаи мизоҷҳо форам аст, зеро он дар мизоҷ муътадил мебошад. Огоҳ кунем, ки кӯфтани тухми райҳонро ҳангоми таркиб додан бо дигар давоҳо, табибон манъ кардаанд ва инчунин барои табобат луоби он низ даво мебошад, вале ин қисмаш дар вақти кӯфтан барҳам мехӯрад. Инро муаллифони китоби «Кифояи Мансурӣ» ва ғайра қайд кардаанд, ки дар кӯфтаи тухми райҳон қуввати манъкунанда ва қабзиятовар зиёд мебошад, ки кӯфтаи онро ҳангоми исҳол истеъмол намоянд, раво мебошад. Беҳтар аст агар кӯфтаи онро бо шилмибодомҳо ҳамроҳ карда биёшоманд, бар зидди дарунравӣ ё худ шикамдард хеле мувофиқ аст. Инчунин дар об ҷӯшонида, оби онро бинӯшанд ҳам, дар ин бобат хуб аст.

## РАЙҲОНИ ГӮШИ МУШ

Райҳони гӯши муш аз намуди райҳонҳои резабарг аст, ки баргҳояш монанди гӯши муш мебошанд, яъне баргаш монанди гӯши муш дарозак, гулаш сафеди гулобӣ, тухмаш монанди тухми райҳони муқаррарӣ мебошад. Мизоҷаш дар дараҷаи дувум гарм ва дар якум хушк аст.

Дар бобати давогӣ ва хислатҳои шифобахши он қаблан бояд гуфт, ки ин райҳон аз ҷамилак қавитар аст. Райҳони гӯши мушро дар об ҷӯшонида, он обро бинӯшанд, гиреҳи майна ва бастагии сӯрохи биниро мекушояд; дарди сареро, ки аз сардӣ, тарӣ, балғамӣ, савдовӣ ва бодӣ бошад, дафъ мекунад; молихулиёро, ки вобаста ба пардаҳои шикам бошад ва каҷ шудани рӯйро шифо мебахшад, зукомро банд менамояд, зеро ки таҳлилдиҳандаи рутубат ва бодҳои майна аст.

Агар онро бибӯянд, майнаро қувват мебахшад, мастии шароб ва хуморро манъ мекунад, бастагии сӯрохҳои биниро мекушояд.

Хушки ин навъи райҳонро кӯфта дар бинӣ бирезанд ё обашро чунин кунанд, майнаро аз моддаҳои зарарнок пок мегардонад, каҷ шудани рӯй ва саръро (припадка) шифо мебахшад.

Агар онро бо ҳино якҷо кӯфта, дар ҳаммом ба сар бимоланд, дарди сареро, ки аз хунукӣ бошад, дафъ мекунад. Равғани онро бимоланд, фолиҷ ва бемориҳои асабро, ки аз сардӣ бошанд, монанди кузоз (столбняк), карахтӣ, каҷ шудани рӯй ва ғайраро ба шифо мебахшад. Агар онро ба чашм кашанд, фаромадани зардобро ба гавҳараки чашм, ки дар давраи ибтидо бошад, дафъ мекунад, чашми заифро қавӣ мегардонад.

Хушкашро кӯфта, бо асал хамир карда бимоланд, кабудии зери чашмро, ки аз шах шудани хун дар зери пӯст бошад, дафъ мекунад.

Райҳони гӯши мушро хоида, обашро фурӯ баранд, обравии даҳанро манъ мекунад. Онро дар об ҷӯшонида, он обро кам-кам ва бардавом бирезанд, дарди гӯшро таскин медиҳад.

Об ё равғани онро нимгарм дар гӯш чаконанд ё латтаро дар равғани он тар карда дар гӯш гузоранд, гиреҳҳои даруни онро мекушояд.

Ин райҳонро дар об ҷӯшонида, он обро бинӯшанд, хушҳолӣ мебахшад, дарди узвҳои даруни сина, сурфа; зиқу-н-нафас (астма), дилзанак ва дард кардани дилро ба ибро меоварад; узвҳои дарунаро гарм мекунад, бодҳои сипурзро таҳлил медиҳад; дарди рӯдаҳо, истиско ва душвории шошиданро шифо мебахшад; ҳайзи бандшудаи занонро мекушояд, қулинҷ (колит) бодиро таҳлил медиҳад.

Миқдори як бор хӯрдан аз райҳони гӯши муши хушк дар як рӯз то 9 грамм аст ва агар дар об ҷӯшонида,он обро нӯшиданӣ бошанд, то 32 грамми онро дар об андозанд, вале ба дарун истеъмол кардани ин райҳон ба гурда ва хичак зарар дорад. Давои ин зарарҳояш коснӣ ё тухми чилмангӯштак (семизут) хӯрдан аст.

Райҳони гӯши муши тарро кӯфта, гузошта банданд, варамҳои балғамӣ, яъне варамҳои сарди мулоимро таҳлил медиҳад.

Агар ин райҳонро бо мумравған даромехта гузошта банданд, печиши асаб, дарди пушт ва дарди шушро ба ибро меоварад; аммо бо асал сиришта бимоланд, хастагиро дафъ мекунад. Инчунин, чанд бор равғанашро бимоланд ҳам, мондагиро аз бадан бармеоварад. Ин райҳонро бо сирко соида бимоланд, доғҳои кунҷидак ва бадбӯйии арақро дафъ мекунад. Ба он ҷои бадан, ки хун гирифта бошанд, инро бимоланд, асари захми онро нест мекунад.

Агар онро ба сирко даромехта гузошта бандандд,захри каждумро аз бадан хориҷ месозад.

Хушки онро дуд кунанд, ҷонварони захрнок аз он ҷо мегурезанд ва инчунин зарарҳои ҳавои вабоиро дафъ мекунад. Аз райҳони гӯши муш равған ҳам тайёр мекунанд. Тарзи тайёр кардани равғани райҳони гӯши муш ин гуна аст: кӯфтаи тару тозаи онро фишурда, обашро дар зарфе рехта, аз болояш ҳамон миқдор равғани зайтун андохта, бо оташи мулоим то обаш батамом бухор шудан меҷӯшонанд. Равғани боқимонда - равғани райҳони гӯши муш маҳсуб мeёбад. Ин равғанро бимоланд, барои фолиҷ, каҷ шудани рӯй, кузоз (столбняк), ларзак, дарди нимсар ва дарди сари аз хунукӣ баҳамрасида даво мебошад. Агар онро нимгарм бичаконанд, гиреҳи даруни гӯшро мекушояд, гаронии гӯш ва бодҳои даруни онро дафъ мекунад.

"ШИФО"



*Муассис: Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

ШИФО
№5 (5) 12.05.2018 | Нашрия аз феврали соли 2018 чоп мешавад | www.moh.tj | nashriyai.shifo@mail.ru
Нашрияи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**

**Олимзода Насим Хоҷа** - вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
**Умарзода Саида Ғайрат** - муовини якуми вазир
**Одиназода Азиз Абдусаттор** - муовини вазир
**Камолзода Мирҳамуддин** - муовини вазир
**Содиқова Дилором Нуруллоевна** - ёрдамчии вазир
**Бекмуродзода Султон Бекмурод** - сардори Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ
**Холзода Абдулҳаким Қувват** - директори Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ
**Фазила Яфталиева** - директори Маркази матбуоти вазорат

**Сармуҳаррир**
**Эҳсон Турсунов**

**Котиби масъул, тарроҳ:**
**Компони Абдуназар**

**ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ:**

**Суғдмеҳри Маъруфзод**
**Зайнаб Анварӣ**
**Иброҳим Ятимов**
**Суратгир: Айём Ҳусейнов**

**Ҳафтанома таҳти №058/РЗ-97 аз 20 – уми феврали соли 2018 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном шудааст.**

**- Барои риояи гуногунандешӣ матолибе низ ба табъ мерасанд, ки мухолифи дидгоҳи ҳайати эҷодист. Дурустии далелу рақамҳо бар дӯши муаллифон аст.**
**- Дар ҳафтанома аз маводҳову матолиби интернет низ истифода мегарданд.**
**- Маводҳо дар шакли электронӣ, бо ҳуруфи Times New Roman, андозаи 14 қабул карда мешаванд.**

Ҳафтанома дар ҶДММ "Мега - принт" ба табъ мерасад.
Теъдоди нашр
5000 нусха

**Нишонӣ:**
**734025, ш.Душанбе, кӯч. Шевченко 69, тел.: 44-600-60-02, (+992) 934466442**